

*«Tajikistan State University of Commerce»*

*Course name: National economy*

# Week: 3. *Activity and development of factors of the national economy*

Khojazoda Dilovar Khairuddin

Made with Gamma



*«Tajikistan State University of Commerce»*

*Course name: National economy*

# Мавзуи :3. Фаъолият ва рушди омилҳои иқтисоди миллӣ

Хоҷазода Диловар Хайруддин

Made with Gamma

# Саволҳои лексия:

1. Мафҳуми назариявии рушди иқтисодӣ ва намудҳои он
2. Сарчашмаҳо, омилҳо ва тамсилаҳо (моделҳо)-и рушди иқтисодӣ
3. Танзими давлатии рушди иқтисоди ва экологи дар шароити иқтисоди миллӣ.
4. Рушди соҳибкорӣ – омили муҳими устувории иқтисоди миллии мамлакат

Made with Gamma



# 1. Мафҳуми назариявии рушди иқтисодӣ ва намудҳои он:

Рушди иқтисодӣ яке аз масъалаҳои маркази назарияи муосири иқтисодӣ ба хисоб меравад. Тавассути тағироти он дарачаи инкишофи иқтисоди миллӣ ва сатҳи зиндагии аҳолӣ баҳо дода мешавад.

Дар илми иқтисодӣ, ақидаи ягона оид ба таърифи рушди иқтисодӣ вучуд надорад. Рушди иқтисодӣ мувофиқи консепсияи миқдори ва миқдорию сифати таъриф дода мешавад.

Made with Gamma

# Мафҳуми назариявии рушди иқтисодӣ

### Консепсияи микдорӣ

Рушди иқтисодӣ ҳамчун афзоиши микдории ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти миллӣ (ММД ва ДМ) фаҳмида мешавад.

### Консепсияи микдорию сифатӣ

Рушди иқтисодӣ ҳамчун такмилдиҳии микдорию сифатии истеҳсолот ва зиёдшавии ҳаҷми маҳсулоти ҷамъиятӣ, ки дар ҳалли масъалаи маҳдудияти захираҳо ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ кумак мекунад.

### Принсипи акселератор

Моҳияти асосии рушди иқтисодӣ дар принсипи акселератор ифода меёбад - бо афзоиши ММД даромади аҳолӣ, пасандоз ва маблағгузорӣ зиёд шуда, боиси бори дигар афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсолот мегарданд.



Made with Gamma

# Намудҳои рушди иқтисодӣ

## Рушди иқтисодии экстенсивӣ

Афзоиши ҳаҷми ММД аз ҳисоби истифодаи омилҳои иловагии истеҳсолот. Афзоиши маҳсулот дар асоси афзоиши коргарон ва зиёд кардани иқтидори истеҳсолот ба даст меояд.

## Рушди иқтисодии интенсивӣ

Афзоиши ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти миллӣ аз ҳисоби истифодаи самаранок ва мукаммал намудани омилҳои истеҳсолот (хусусан техника ва технология).

## Рушди иқтисодии омехта

Афзоиши ҳаҷми ММД аз ҳисоби зиёд намудани шумораи омилҳои истеҳсолот ва такмили техникаю технология мебошад.

Бояд қайд намуд, ки рушди иқтисодӣ на ҳама вақт беҳтар шудани шароити зиндагии аҳолиро нишон медиҳад. Масалан, афзоиши ММД мумкин аст аз ҳисоби афзоиши истеҳсолоти ҳарбӣ сурат гирифта бошад.




Made with Gamma

# 2. Сарчашмаҳо, омилҳо ва тамсилаҳо (моделҳо)-и рушди иқтисодӣ.



### Прогресси илмию техникӣ

Такмили технология ва шаклҳои идоракунии истеҳсолот

### Захираҳои меҳнатӣ

Шумора ва сифати қувваи корӣ

### Захираҳои табиӣ

Замин, канданиҳои фоиданок, иқлим ва ғайра

Захираҳои иқтисодӣ (табиӣ, меҳнатӣ, моддӣ, молиявӣ) маҷмӯи омилҳои истеҳсолотро ифода менамоянд. Ҳар яке аз ин омилҳо хусусияти ба худ хос дошта, ба рушди иқтисодӣ таъсири худро мерасонанд. Бо истифодаи техникаю технологияи нав, усулҳои нави идоракунии истеҳсолот ва истифодаи навовариҳои илмию техникӣ, истеҳсоли маҳсулоти миллӣ зиёд мешавад.

Made with Gamma

# Омилҳои рушди иқтисодӣ



### Омилҳои арза

- Шумора ва сифати захираҳои табиӣ
- Шумора ва сифати қувваи корӣ
- Дараҷаи технологияи истифодашаванда

### Омилҳои тақозо

- Музди кор
- Сиёсати фискалии давлат
- Майли ниҳоӣ ба пасандоз

### Омилҳои манфӣ

- Бекурбшавии пул
- Афзоиши бекорӣ
- Касри буҷа

Вобаста ба истифодаи омилҳои номбаршуда моделҳои гуногуни рушди иқтисодӣ сохта мешаванд. Ба омилҳои манфӣ инчунин сатҳи нокифояи рақобат, сатҳи пасти муҳити соҳибкорӣ ва инвестисионӣ, паст гардидани сатҳи сармояи инсонӣ ва нокифоягии татбиқи ислоҳот дар маҳалҳо дохил мешаванд.

Made with Gamma




# Тамсилаҳои рушди иқтисодӣ

## Тамсилаи бисёромила

Таъсиррасонии ҳамаи омилҳои номбаршударо инъикос менамояд. Дар сурати таъсири мусбии ин омилҳо имкониятҳои истеҳсолии истеҳсолкунандагон васеъ мешавад. Ин гуна тамсиларо намояндагони мактаби неоклассикӣ пешниҳод намудаанд.

## Тамсилаи дуомила

Танҳо бо назардошти меҳнат ва сармоя сохта мешавад. Аз ҷумла тамсилаи Солоу, тамсилаи Денисон ва ғайраҳо. Олими амрикоӣ Денисон нишон медиҳад, ки аз се ду ҳиссаи афзоиши маҳсулот аз ҳисоби ҳосилнокии меҳнат ва аз се як ҳиссаи он аз ҳисоби меҳнат сурат мегирад.

## Тамсилаи якомила

Бо назардошти сармоя сохта шудааст. Ин гуна тамсиларо Ҷ. Кейнс, Р. Харрод ва Е. Домар пешниҳод намудаанд. Мувофиқи ин тамсила афзоиши ҳаҷми маҳсулот дар натиҷаи афзоиши сармоя ва маблағгузорӣ ба вуҷуд меояд.

Made with Gamma

# Танзими икттисодиёт дар шароити иқтисоди миллӣ:

## Сиёсати фискалӣ

Танзими иқтисодиёт тавассути андозҳо ва хароҷоти давлатӣ. Афзоиши меъёри андоз ба даромад боиси камшавии музди кори ҳақиқӣ, маҷмӯи тақозо ва пастравии истеҳсолот мегардад.

## Сиёсати монетарӣ

Танзими иқтисодиёт тавассути идоракунии ҳаҷми пул ва меъёри фоиз. Бекурбшавии пул боиси баландшудани нархи сармоя ва паст шудани нархи меҳнат мешавад.

Танзими давлатии рушди иқтисодӣ барои таъмини устувории иқтисоди миллӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва экологӣ, инчунин барои ташкили муҳити мусоид барои рушди соҳибкорӣ зарур аст.



Made with Gamma




# 3.Танзими давлатии рушди иқтисодӣ ва экологӣ дар шароити иқтисоди миллӣ

Амалисозии мақсадҳои танзими давлатии иқтисодиёт дар таҷриба бо ёрии усулҳои гуногун суръат мегирад. Таҷрибаи тараққиёти таърихӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки маҷмӯи усулҳои истифодашавандаи танзими давлатии иқтисодиёт доимо меафзояд.

Ин албатта, ду сабаби асосии худро дорад: афзоиши доимии масоҳат ва мураккаб гардидани сохтори иқтисодиёт ҳамчун комплекси иқтисоди миллӣ; зарурияти пешгӯӣ ва тез ҳиснамоӣ оид ба амал намудани омилҳои гуногуни мураккаби пешомада, ки ба тараққиёти иқтисоди миллӣ таъсир мерасонанд.

Made with Gamma

# Усулҳои танзими иқтисодиёт

## 1. Усули давлатӣ

Танзими комили иқтисодиёт аз ҷониби давлат ба роҳ монда мешавад. Фишангҳои алоҳидаи сиёсати давлатӣ метавонад барои мақсадҳои гуногун, дар вазъиятҳо ва ҳолатҳои гуногун истифода шаванд. Вобаста аз хусусияти мақсадҳо нақши фишангҳои мушаххас дар номгӯи усулҳои танзими давлатии иқтисодиёт метавонанд тағйир ёбанд.

Made with Gamma

# 2. Усули ғайридавлатӣ

Усули ғайридавлатӣ (бозорӣ) аз ҷониби субъект ва агентҳои алоҳидаи иқтисодӣ, ширкат ва фирмаҳо бо воситаи тақсими бозори фурӯш ва ташаккули нархҳо, соҳаи тиҷорат, савдои яклухту чакана, биржаҳои молию пулӣ, музояда, намояндагиҳо, низоми иттилоотии асъор ба роҳ монда мешавад. Ин тарз ва усули танзим ҳамаи ҷанбаъҳои иқтисоди миллиро фаро гирифта наметавонад. Бинобар ин танзими комили иқтисодиёт аз ҷониби давлат ба роҳ монда мешавадю.

Made with Gamma




# Гурӯҳбандии усулҳои танзими давлатӣ

## Усулҳои мустақим

Таъсири бевоситаи худро ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, ки зарурияти қабули ҳалли онро ба амал меорад, ки на ба интихоби мустақилона (соҳибихтиёрона)-и иқтисодӣ, балки ба пешниҳоди давлат асос ёфтааст.

## Усулҳои ғайримустақим

Истифодаи фишангҳо ва намудҳои таъсиррасонии давлат ба соҳибкории хусусӣ аз нуқтаи назари таъмини таносубҳои макроиқтисодии такрористеҳсоли васеъро дар назар дорад.

## Усулҳои маъмурӣ

Ба қувваи мақомотҳои давлатӣй такя намуда, ҳамчун кулли чорабиниҳо оиди таъсири назоратии маъмурӣй ба натиҷаи фаъолияти хоҷагидории субъектҳои иқтисодӣ ташкил карда мешаванд.

## Усулҳои иқтисодӣ

Ба механизмҳои бозорӣ такя намуда, барои танзими муносибатҳои иқтисодӣ истифода мешаванд.

Made with Gamma



# Усулҳои маъмурии танзими давлатӣ

### Усулҳои ташкилию институтсионалӣ

Ташаккули мақомотҳои итоаткунанда барои барномаҳои мақсаднок, ёрии машваратӣ, ҳуқуқӣ ва иттилоотии соҳибкорӣ, амалисозии хусусигардонӣ, ташаккул ва истифодаи объектҳои моликияти давлатӣ

### Назорати иҷрои қонунгузорӣ

Назорат намудан дар иҷрои қонунгузориҳои амалкунанда, иҷозат додан ва ё манъ намудани чорабиниҳои маъмурӣ, ҷуброн, санксия ва ғайра.

### Сиёсати зиддимонополӣ

Амалисозии сиёсати зиддимонополӣ, тараққӣ додани соҳибкории хурд ва миёна, ҳавасмандсозии савдои озод ва соҳаҳои хизматрасонӣ.

### Омӯзонидан ва тайёркунии кадрҳо

Омӯзонидан ва тайёркунии кадрҳо, ташкили намоиши маҳсулотҳо ва хизматҳо, мувофиқсозии маркетингӣ ва беруниқтисодӣ.

Made with Gamma

# Мафҳуми экология ва аҳамияти он

### Таърифи экология

Ба ақидаи муаллифи истилоҳи экология олими немис Геккель, экология - илми биологие мебошад, ки қонуниятҳои ҳаётгузаронии организмҳоро дар муҳити табиї ва инчунин тахти таъсири омилҳои антропогенӣ меомӯзад.

### Унсурҳои муҳити табиӣ

Ба унсурҳои муҳити табии зист захираҳои об, ҳаво, замин, захираҳои табиӣ, иқлим ва ғайра дохил мешаванд, ки онҳоро омилҳои экологӣ низ меноманд.

### Зиддияти экологию иқтисодӣ

Дар байни афзоиши истеҳсолот ва беҳтар шудани муҳити табии зист, зиддияти махсус вуҷуд дорад. Ин зиддият дар он асос меёбад, ки бо афзоиши истеҳсолот, муҳити табии зист ифлос шуда, унсурҳои он барои истифодабарӣ ғайриимкон мегардад.



Made with Gamma

# Рушди иқтисодии устувор



### Афзоиши истеьсолот

Афзоиши ҳаҷми истеҳсоли мол ва хизматҳо

### Устувории дарозмуддат

Таъмини эҳтиёҷоти имрӯза бидуни зарар ба наслҳои оянда

### Ҳифзи муҳити зист

Нигоҳдории сифати унсурҳои муҳити табиӣ

### Мувозинати экологию иқтисодӣ

Таъмини рушди иқтисодӣ бидуни зарар ба муҳити зист

Дар назарияи иқтисодии муосир афзоиши ҳаҷми истеҳсоли мол ва хизматҳо, ки боиси паст шудани сифати унсурҳои муҳити табии зист намегардад, рушди иқтисодии устувор номида мешавад. Ин мафҳум таъмини мувозинати байни рушди иқтисодї ва ҳифзи муҳити зистро дар бар мегирад.

Made with Gamma

# Муаммоҳои экологии глобалӣ

### Гармшавии глобалӣ

Баландшавии ҳарорати миёнаи сайёра

### Ифлосшавии муҳити зист

Ифлосшавии об, ҳаво ва хок

### Нобудшавии ҷангалҳо

Коҳиши масоҳати ҷангалҳо ва гуногунии биологӣ

### Истифодаи ғайриоқилонаи захираҳо

Истифодаи аз ҳад зиёди захираҳои табиии барқарорнашаванда

Муаммоҳои экологӣ дар ниҳояти кор боиси тезу тунд гардидани харобиҳои табиӣ мегарданд, ҳатто дар баъзе ҳолатҳо боиси аз байн бурдани зиндагии инсонҳо гардида, зарари онҳо ба миллионҳо ва ҳатто дар баъзан ҳолатҳо ба миллиард доллар низ мерасад. Новобаста аз ҳамаи инҳо, муносибатҳои ғайриоқилона нисбат ба хатарҳои экологӣ дар рӯи дунё ва минтақаҳои алоҳидаи ҷаҳон рӯз то рӯз зиёд мегардаду кам не.

Made with Gamma

# Роҳҳои ҳалли муаммоҳои экологию иқтисодӣ

1

### Азнавсозии сохтории иқтисодиёт

Ташкили иқтисодиёти самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ безарар, тағьир додани сиёсати содиротӣ

2

### Технологияи кампартов ва бепартов

Тағьиротҳои технологӣ дар тамоми сикли ҷараёни истеҳсолот

3

### Чорабиниҳои мустақими ҳифзи муҳити зист

Сохтмони иншоотҳои тозакунии гуногун, филтрҳо, ташкили ҳудудҳои муҳофизатӣ, шинондани дарахтони ороишӣ ва кабудизоркунӣ

Самтҳо ва роҳҳои дар боло овардашуда дар ҳалли муамоҳои экологикунонии тараққиёти иқтисодӣ нақши муҳимро бозида, ташаккули намуди рушди босуботи иқтисодиро ба амал меоваранд. Дар шароити ҳозира яке аз самтҳои самараноки экологӣ ва иқтисодии муаммоҳои ҳифзи муҳити зист - ин тараққии соҳаҳои "ғайритабиӣ" ва намудҳои фаъолияти он мебошад.



Made with Gamma

# Рушди соҳибкорӣ – омили муҳими устувории иқтисоди миллии мамлакат

Рушди соҳибкорӣ яке аз омилҳои муҳимтарини устувории иқтисоди миллии Тоҷикистон мебошад. Дар давраи пас аз соҳибистиқлолӣ, иқтисодиёти кишвар бо мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ гардид, аз ҷумла канда шудани робитаҳои иқтисодӣ, тағйирёбии сохтори истеҳсолӣ ва коҳиши суръати рушди иқтисодӣ.

Дар он давра сатҳи камбизоатии аҳолӣ ба 80% расида, ҳиссаи соҳаи саноатӣ дар ММД 1,4 маротиба ва ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ 1,3 маротиба коҳиш ёфт. Ин вазъият боиси афзоиши бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ гардид.

Made with Gamma



# Такмилёбии соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди миллӣ

### 1. Муҳити соҳибкорӣ

Ташкили шароити мусоид барои фаъолияти соҳибкорӣ, кам кардани монеаҳои маъмурӣ ва дастгирии давлатӣ.

### 2. Инноватсия

Ҷорӣ намудани технологияҳои нав, усулҳои нави истеҳсолот ва идоракунӣ, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат мусоидат мекунанд.

### 3. Рақобатпазирӣ

Баланд бардоштани сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ, паст кардани арзиши аслӣ, ки ба рушди иқтисоди миллӣ таъсири мусбат мерасонад.

### 4. Устувории иқтисодӣ

Таъмини шуғли аҳолӣ, афзоиши даромадҳои буҷет ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ.

Рушди соҳибкорӣ яке аз омилҳои муҳимтарини таъмини устувории иқтисоди миллӣ мебошад. Соҳибкорони муваффақ на танҳо ҷойҳои нави корӣ таъсис медиҳанд, балки инноватсияҳоро ҷорӣ намуда, ба рушди иқтисодии мамлакат саҳми арзанда мегузоранд.

Made with Gamma

# Нақши Пешвои миллат дар таъмини суботи иқтисодӣ

### Таъмини суботи сиёсӣ ва Ваҳдати миллӣ

Бо иродаи матин ва садоқати ватандӯстонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ суботи сиёсӣ ва Ваҳдати миллӣ таъмин гардида, ҳастии миллат нигоҳ дошта шуд.

### Таъсиси сохтори боэътимоди иқтисодӣ

Тавассути интихоби сиёсати "Дарҳои кушод" сохтори боэътимоди иқтисоди миллӣ таъсис дода шуд, ки маҷрои ҳаёти аҳолии мамлакатро ба самти рушди устувори иқтисодӣ равона намуд.

### Баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ

Сиёсати иқтисодии давлат ба таъмини сатҳу сифати баланди зиндагии мардум равона гардида, заминаи мустаҳками рушди устуворро фароҳам овард.

Made with Gamma



# Моҳияти рушди иқтисоди миллӣ дар шароити муосир

### Назорати захираҳо

Рушди иқтисоди миллӣ дар худ назорату истифодабарии захираҳо ва бартариятҳои иқтисодиро ифода менамояд, ки барои пешрафти мамлакат заруранд.

### Таъмини сифати маҳсулот

Тавассути идоракунии самараноки захираҳо, сифати маҳсулоту хизматрасонӣ ва самаранокии истеҳсолоти ватанӣ таъмин мегардад.

### Рақобатпазирии иқтисодӣ

Рушди устувор имкон медиҳад, ки давлат дар муносибатҳои тиҷоратӣ ва табодули комёбиҳои илмӣ-техникии ҷаҳонӣ иштирокчии комилҳуқуқ бошад.

Made with Gamma



# Заминаҳои ҳуқуқии рушди соҳибкорӣ

### Соли 1991

Қабули қонуни Чумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи соҳибкорӣ" ҳамчун аввалин заминаи ҳуқуқӣ барои фаъолияти соҳибкорӣ.

### Соли 2002

Қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ", ки шаклҳо ва усулҳои ҳавасмандгардонӣ ва танзими фаъолияти соҳибкориро муқаррар намуд.

### Соли 2004

Тасдиқи "Консепсияи рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи то соли 2015" бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### Соли 2012

Тасдиқи "Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020" бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Made with Gamma

# Мораторияҳо оид ба санҷишҳои фаъолияти соҳибкорӣ




### Соли 2012

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи моратория санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ" аз 3 июли соли 2012.

### Соли 2018

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ" аз 21 феврали соли 2018.

### Соли 2022

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ" аз 8 июни соли 2022.

Мақсади асосии ин мораторийҳо аз бартарафсозии монеаҳои маъмурӣ ва кам кардани тафтишҳои беасос иборат буд, ки ба фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ таъсири мусбат расонид.

Made with Gamma

# Имтиёзҳои гумрукӣ барои таҷҳизоти истеҳсолӣ



### Таҷҳизоти истеҳсолӣ-технологӣ

Озодкунӣ аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ барои таҷҳизоти истеҳсолӣ-технологӣ

### Техникаи кишоварзӣ

Имтиёзҳо барои воридоти техникаи таъминоти кишоварзӣ ва таҷҳизоти марбута

### Ташаккули фонди оинномавӣ

Имтиёзҳо барои таҷҳизоте, ки барои ташаккули фонди оинномавии корхонаҳо ворид мешаванд

### Азнавмуҷаҳҳазонии техникӣ

Дастгирии азнавмуҷаҳҳазонии техникии истеҳсолоти амалкунанда

Made with Gamma

# Қарорҳои муҳим дар самти имтиёзҳои гумрукӣ

### Қарори №591 (30.11.2007)

Тасдиқи Номгӯи таҷҳизоти истеҳсолӣ-технологӣ ва маснуоти комплектӣ, ки аз пардохти андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод мегарданд

### Қарори №531 (02.10.2010)

Ворид намудани тағйирот ба Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2007 №591

### Қарори №93 (02.03.2013)

Тасдиқи Номгӯи техникаи таъминоти кишоварзӣ, таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ ва маснуоти такмилии онҳо, ки аз пардохти андоз озод мегарданд

Made with Gamma

# Натиҷаҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ



Рушди устувори иқтисодӣ

Таъмини рақобатпазирии иқтисоди миллӣ

Афзоиши корхонаҳои истеҳсолӣ

Ташкили ҷойҳои нави корӣ

Беҳтар шудани фазои соҳибкорӣ

Кам шудани монеаҳои маъмурӣ

Заминаи ҳуқуқии мустаҳкам

Қонунгузории мукаммал барои дастгирии соҳибкорӣ

Тадбирҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Тоҷикистон ба рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат намуда, барои беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъмини амнияти иқтисодии кишвар заминаи мустаҳкам гузоштааст.

Made with Gamma

# Рушди Соҳибкорӣ дар Тоҷикистон

Мавқеи соҳибкорон дар рушди иқтисодиёт ва ҳалли масоили иҷтимоӣ аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо арзёбӣ гардидааст.

Аз соли 2014, 14 октябр ҳамчун рӯзи соҳибкорон эълон шудааст.



Made with Gamma



# Имтиёзҳо барои Соҳибкорон

## Имтиёзҳои андозӣ

Зиёда аз 110 имтиёз ва сабукиҳои андозиву гумрукӣ пешниҳод шудаанд.

## Бақайдгирии осон

Шумораи сохторҳои бақайдгирӣ аз 4 ба 1 кам карда шуд.

## Суръати баланд

Муҳлати бақайдгирӣ аз 49 то 3-5 рӯз кам карда шудааст.

Made with Gamma

# Кодекси Андоз ва Рушди Соҳибкорӣ

### Январи 2022

Оғози амали Кодекси андоз дар таҳрири нав.

### Саноатикунонии босуръат

Имтиёзҳо барои рушди соҳибкориву сармоягузорӣ.

### Ташкили ҷойҳои нави корӣ

Сабукиҳои иловагӣ барои соҳибкорон.



Made with Gamma

# Дастгирии Молиявии Соҳибкорӣ

## 117 млрд

### Ҳаҷми умумии қарзҳо

Дар давоми солҳои соҳибистиқлолӣ.

## 13 млрд

### Қарзҳои соли 2021

Сомонӣ барои рушди соҳибкорӣ.

## 37%

### Соҳибкории истеҳсолӣ

Ҳиссаи қарзҳо барои соҳаи истеҳсолот.



Made with Gamma

# Соҳибкорӣ ва Шуғли Аҳолӣ

Соҳибкории саноатӣ

4% аҳолии шуғлдошта

Хоҷагиҳои кишоварзӣ

60,5% аҳолии шуғлдошта

Соҳаҳои хизматрасонӣ

35,5% аҳолии шуғлдошта

Made with Gamma

# Дастовардҳои Соҳибкорон

### Корхонаҳои истеҳсолӣ

Беш аз 2 ҳазор корхона бо 21 ҳазор ҷойи корӣ

### Иншооти соҳаи маориф

1380 иншоот сохта шудааст

### Муассисаҳои тандурустӣ

1213 муассиса бунёд гардидааст

Made with Gamma

# Рушди Соҳибкорӣ дар солҳои охир




Made with Gamma

# Дурнамои Рушди Соҳибкорӣ

## Мавқеи сазовор дар ҷомеаи ҷаҳонӣ

Рақобатпазирӣ дар бозори ҷаҳонӣ

## Содироти маҳсулоти рақобатнок

Ба талаботи ҷаҳонӣ ҷавобгӯ

## Устувории иқтисоди миллӣ

Ҳаёти осоиштаи аҳолӣ

Made with Gamma

Ҳамин тавр, дар хотима қайд кардан бомаврид аст, ки рушди соҳибкорӣ ҳамчун омили муҳими устувории иқтисоди миллии ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки равнақи зарурии ҳама намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ аз он ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ асосноку баробар таъмин карда шавад. Ҳамзамон он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи сазоворро ишғол карда, бо истифода аз рушди фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо раванди истеҳсоли молу хизматҳои вата-ниро ба роҳ монад, балки яке аз содиркунандагони маҳсулоти ба талаботҳои ҷаҳони муосир ҷавобгӯ ва рақобатнок дар бозорӣ минтақавӣ ва ҷаҳонӣ гардад. Боварӣ дорем, ки бо дарназардошти рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз он ҷумла истеҳсоли маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои ватанӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун як кишвари соҳибистиқлол, таҳаввулотҳо ва ҷаҳишҳои бузурги иқтисодӣ ва таъмини ҳаёти осоиштаи аҳолӣ интизор аст.

Made with Gamma

# Адабиёти истифодашуда:


1. Булатов, А.С. национальная экономика: Учебное пособие / А.С. Булатов. – М.: Магистр, ИНФРА-М, 2012. – 304 с.
2. Николаева Т.П. Основы информационной экономики: уч. пос. – СПБ.: ООО «ЛЕКС СТАР», 2001. – 128 с.
3. Одинаев Х.А. Эколого-экономическое регулирование природо-пользования в сельском хозяйстве. – М.: МАКСПресс, 2004. - 240 с.
4. Паёми Президенти Чумхурии Точикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Маҷлиси Оли, «Ҷумҳурият», 28 декабри соли 2023.
5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. 33-80 с.
6. Ҳакимов Ҳ. А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ. Василаи таълим. – Душанбе: «Ирфон», 2005. - 416 с.
7. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ: китоби дарсӣ,-Душанбе Ирфон, 2018с, 648с.
8. Цуканова О.А., Смирнов С.Б. Экономика защиты информации: учебное пособие. – СПб.: СПб ГУ ИТМО, 2007. – 58 с.
9. https://economic.tnu.tj


Made with Gamma

# ТАШАККУР БА ДИҚАТАТОН!

Made with Gamma